Бо қарори мушовараи Вазорати
маориф ва илми Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз «_29_»__06__ соли 2016, №__9/41__
тасдиқ карда шудааст

**Низомномаи намунавии**
**Шӯрои олимони ҷавони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**1. Муқаррароти умумӣ**

1.1. Низомномаи намунавии мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия гардида, тартиби фаъолияти Шӯрои олимони ҷавони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

1.1. Шӯрои олимони ҷавони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сохтори машваратӣ ба ҳисоб рафта, бо мақсади пешбурд ва фаъолона иштирок намудани олимони ҷавон дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, қабул намудани қарорҳои стратегӣ ва фаврӣ оид ба дастгирии олимони ҷавон таъсис меёбад.

1.2. Шӯрои олимони ҷавон ташкилоти ҷамъиятии назди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ буда, аз намояндагони тамоми сохторҳои ин муассиса ташкил меёбад.

1.3. Ба ҳайати Шӯрои олимони ҷавон метавонанд магистрҳо, докторантҳо аз рӯи ихтисос (аспирантон), инчунин асистентон, саромӯзгорон ва устодони дорои унвону дараҷаҳои илмии то синни 35-сола дохил шаванд.

1.4. Шӯрои олимони ҷавон ташкили фаъолияти умумии олимони ҷавон ва ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳоро таъмин мекунад.

1.5. Шӯрои олимони ҷавон фаъолияти худро дар асоси қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм, санадҳои меъёрии ҳуқуқии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, дар асоси принсипҳои ихтиёрӣ, баробарҳуқуқии аъзоёни он ва худидоракунӣ ба роҳ мемонад.

1.6. Шӯрои олимони ҷавон аз рӯи масъалаҳои фаъолияти худ бо Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва тамоми сохторҳои муассиса ҳамкорӣ менамояд.

1.7. Тамоми намудҳои фаъолияти Шӯрои олимони ҷавон, ки барои амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои дар Низомномаи мазкур муайяншуда

равона шудааст, аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки барои амалисозии мақсад ва вазифаҳои Шӯро ҳавасманд мебошанд, аз ҷумла, аз ҳисоби восита ва маблағҳои аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷудошуда сурат мегирад.

1.8. Шӯрои олимони ҷавон шахси ҳуқуқӣ набуда, суратҳисоби мустақил надорад ва наметавонад ҳуқуқ ва уҳдадориҳои моликиятӣ ва ғайримоликиятиро ба зимма гирад.

**2.Мақсад, вазифа ва самтҳои фаъолияти Шӯрои олимони ҷавон**

2.1.Мақсади асосии Шӯрои олимони ҷавон рушди касбии олимони ҷавон, муттаҳид намудани неруи онҳо барои коркард ва ҳалли масъалаҳои афзалиятноки илмӣ, инкишофи фаъолияти инноватсионии олимони ҷавон, баландбардории сатҳи илмию касбӣ ва ба пуррагӣ амалӣ гардонидани имкониятҳои эҷодии онҳо мебошад.

2.2.Вазифаҳои Шӯрои олимони ҷавон аз инҳо иборатанд:

– фароҳам овардани шароит барои инкишофи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва инноватсионии олимони ҷавон ва кӯмак намудан ба рушди касбии онҳо;

– муттаҳид намудани нерӯи олимони ҷавон барои ҳалли масълаҳои афзалиятноки илмӣ;

– ташкил ва гузаронидани конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ, ки дар онҳо метавонанд тамоми олимони ҷавони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ширкат намоянд;

– кӯмак расонидан ба рушди алоқаҳои бевоситаи олимони ҷавон дар ташкил намудани корҳои комплексии илмӣ-таҳқиқотӣ;

– таҳия ва дастгирӣ намудани таъсиси манбаи иттилоотии умумидонишгоҳӣ оид ба таҳқиқотҳои илмӣ ва чорабиниҳое, ки аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва инчунин ташкилотҳои хориҷӣ гузаронида мешаванд;

– рушди робитаҳо бо шӯроҳои олимони ҷавони дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ташкилотҳои таълимӣ ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва мактабҳои дигари илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар;

– ҷустуҷӯ ва амалисозии шаклҳои муосиру инноватсионии фаъолияти олимони ҷавон;

– ҷамбаст ва паҳн намудани таҷрибаи мусбати корҳои илмии сохторҳои гуногуни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва инчунин ташкилотҳои миллӣ ва хориҷӣ;

– гузаронидани чорабиниҳо барои ҷалби хонандагону донишҷӯён муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ба илм ва мусоидат ба оммависозии илм;

– ичрои чорабиниҳои дигар дар самти беҳбуди шароити зист, меҳнат ва ташкили фароғати олимони ҷавони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

2.3. Самтҳои асосии фаолияти Шӯрои олимони ҷавон аз инҳо иборат аст:

– таҳия намудани номгӯи  масаълаҳо оид ба фаъолияти олимони ҷавон барои қабул намудани қарорҳо дар сатҳи раёсат ва Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

- иттилоъ додан ба олимони чавон оид ба барномаҳои илмӣ, фондҳо, фармоишгарони эҳтимолии маҳсулоти илмию техникӣ, ташкил ва гузаронидани конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ, ки аз тарафи муассисаҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ гузаронида мешаванд;

- ташкил кардани ҳамкорӣ ва робитаҳо байни Шӯрои олимони ҷавон ва ҷомеаи илмии донишҷӯён, деканатҳо, кафедраҳо, шуъбаҳои магистратура, докторантура аз рӯи ихтисос (аспирантура) ва докторантура,  инчунин Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

- гузаронидани озмуни солонаи корҳои илмии олимони ҷавони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

- тартиб додани лоиҳаҳои ташаббускоронаи илмӣ-таҳқиқотии байнифаннӣ;

- амалӣ намудани ҳамкорӣ бо иттиҳоди олимони ҷавони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯроҳои олимони чавони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо мақсади гузаронидани чорабиниҳои муштарак, муҳайё кардани шароит барои робитаҳои мутақобилан судманд ва лоиҳаҳои ҳамгиро;

- тарғиби дастовардҳои илмии олимон ва мутахассисони ҷавони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, имкониятҳои истифодаи онҳо дар шароити муносибатҳои бозорӣ ва ғайра.

## 3. Сохтори ташкилӣ ва идоракунии Шӯрои олимони ҷавон

3.1. Мақоми олии Шӯрои олимони чавон маҷлиси умумӣ мебошад. Маҷлиси умумӣ на камтар аз як маротиба дар як сол, чун қоида, дар рӯзи ифтитоҳи конфронси илмии олимон ва мутахассисони ҷавон гузаронида мешавад. Маҷлиси умумӣ салоҳиятнок ҳисобида мешавад, агар дар кори он на камтар аз нисфи аъзои ҳайати Шӯрои олимони чавон иштирок намоянд. Ба салоҳияти фавқулоддаи маҷлиси умумӣ дохил мешаванд:

- қабули қарор дар бораи азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии Шӯрои олимони чавон;

- ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Низомномаи Шӯрои олимони чавон;

- интихоб ва тасдиқи раис, муовини раиси Шӯрои олимони чавон;

- тасдиқи ҳисоботи Шӯрои олимони ҷавон оид ба корҳои иҷрошуда;

- тасдиқи нақшаи солонаи кори Шӯрои олимони ҷавон.

3.2. Ба фаъолияти Шӯрои олимони ҷавон раис роҳбарӣ менамояд, ки аз тарафи маҷлиси умумӣ ба муҳлати ду сол интихоб карда мешавад. Раис фаъолияти худро тибқи Низомномаи мазкур ва санадҳои аз тарафи маҷлиси умумии Шӯрои олимони ҷавон қабулшуда, ҳамчунин дар асоси қарорҳои мақомоти роҳбарикунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ мемонад. Раис ба Шӯрои олимони ҷавон дар қисми истифодаи мақсадноки маблағҳои ба Шӯро пешниҳодшуда ва мувофиқати фаъолияти Шӯро ба мақсадҳои эълоншуда ҳисоботдиҳанда мебошад.

3.3. Шӯрои олимони ҷавон аз тарафи Маҷлиси умумии олимони ҷавон ташкил карда мешавад. Шӯрои олимони ҷавон аз раис, муовини раис, котиб ва масъулони кори Шӯро дар факултетҳо иборат аст. Шумора ва ҳайати Шӯрои олимони ҷавонро Маҷлиси умумии олимони ҷавони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар мекунад. Ҳангоми зарурат ба ҳайати Шӯро имкон дорад, ки масъулини ҳалли масъалаҳои мушаххас ворид карда шаванд. Ҳуқуқи пешниҳод кардани номзадҳоро иштирокчиёни маҷлис ва шахсони мансабдори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ – ректор, муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, деканҳо, муовинони деканҳо оид ба корҳои илмӣ доранд. Раиси Шӯрои олимони ҷавон бо фармоиши ректор тасдиқ карда мешавад. Ҳангоми зарурат Шӯрои олимони ҷавон ба ҳайати худ аъзои навро ҷалб карда метавонад. Маҷлиси умумии Шӯрои олимони ҷавон дар сурати иштирок доштани на камтар аз нисфи ҳайат дар кори он салоҳиятдор ҳисобида мешавад.

3.4. Раиси Шӯрои олимони ҷавон ба ҳайати Шӯрои илм ва инноватсияи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дохил мешавад ва ба муовини ректор оид ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ ҳисобот медиҳад. Муовини раиси Шӯрои олимони ҷавон ба раис ва дар сурати ҳозир набудани он ба муовини ректор оид ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ ҳисобот медиҳад. Аъзои Шӯрои олимони ҷавон, масъулини кори Шӯро дар факултетҳо ба муовини декан оид ба корҳои илмӣ ҳисобот медиҳанд. Номзадии масъулини кори Шӯрои олимони ҷавон дар факултетҳо аз ҳисоби олимон ва мутахассисони ҷавон, ки фаъолона ба таҳқиқотҳои илмӣ машғуланд, таҷрибаи пешбурди корҳои илмиро доро буда, дар факултетҳо нуфуз доранд, пешбарӣ карда мешавад.

3.5. Аъзои Шӯрои олимони ҷавон ҳуқуқ доранд, ки барои амалисозии мақсадҳои Шӯро мақомоти доимамалкунанда ва комиссияҳоро барои ҳалли вазифаҳои мушаххаси зерин ташкил диҳанд:

- комиссияи экспертӣ ҷиҳати ташхис ва тақризи корҳои илмии анҷомёфта ва ёрии машваратӣ;

- шӯрои таҳриру нашр барои қабули қарор оид ба нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

- комиссия оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва ғ.

3.6. Аъзои Шӯрои олимони ҷавон метавонанд ба мақомоти доимамалкунанда ва комиссияҳо (чун қоида дар асосҳои ҷамъиятӣ) мутахассисони соҳибтаҷрибаро новобаста аз синну сол ҷалб намоянд. Раиси Шӯрои олимони ҷавон ҳуқуқ дорад, ки ба ректор дар бораи дастгирии молиявии мутахассисоне, ки дар мақомоти доимии Шӯрои олимони ҷавон кор мекунанд, тибқи муқаррароти пешбининамудаи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон тавсияҳо пешниҳод кунад.

3.7. Ҳайати Шӯрои олимони ҷавон бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда мешавад.

3.8. Бо қатъ шудани ухдадориҳои Шӯрои олимони ҷавон ҳайати нави Шӯро ташкил карда мешавад. Шӯрои қаблӣ вазифадор аст, ки дар муддати се моҳ то анҷоми ӯҳдадориҳои худ ҷихати интихоби Шӯрои нави олимони ҷавон маҷлиси умумиро даъват намояд.

## 4. Ҳуқуқ ва вазифаҳои аъзои Шӯрои олимони ҷавон

4.1. Ухдадориҳои аъзои Шӯрои олимони ҷавон

4.1.1. Раиси Шӯрои олимони ҷавон вазифадор аст:

- кори Шӯрои олимони ҷавонро ҳамоҳанг созад;

- иҷрои қарорҳои Шӯрои олимони ҷавонро назорат намояд;

- масъалахои фаъолияти Шӯрои олимони ҷавонро бо роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамоҳанг созад;

- оид ба фаъолияти худ ҳисобот диҳад.

4.1.2. Муовини раиси Шӯрои олимони ҷавон вазифадор аст:

- дар ҳолати набудани раис ӯҳдадориҳои ӯро иҷро намояд;

- фаъолияти Шӯрои олимони ҷавонро ба танзим дарорад.

4.1.3. Аъзои Шӯрои олимони ҷавон вазифадоранд:

- талаботи Низомномаи мазкурро оид ба Шӯрои олимони ҷавон риоя намоянд;

- дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони ҷавон иштирок намоянд, иҷрои ухдадориҳои худро бевосита таъмин созанд;

- иҷрои қарорҳои Шӯрои олимони ҷавонро зери назорат гиранд ва онҳоро иҷро намоянд;

- бо дигар зерсохторҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар робита бошанд;

- ба ноиби ректор оид ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ҳисоботи соли сипаришударо оид ба корҳои иҷронамудаи Шӯрои олимони ҷавони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод намоянд.

4.2. Аъзои Шӯро ҳуқуқ доранд:

- барномаҳоро оид ба сиёсати ҷавонон дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мураттаб сохта, барои муҳокима ва тасдиқ пешниҳод намоянд;

- ба барномаҳои баррасишаванда тағйироту иловаҳо дохил намоянд;

- дар самтҳои асосии фаъолияти Шӯрои олимони ҷавон иштирок намоянд, ҳама гуна масъалаҳои Шӯрои олимони ҷавонро муҳокима намоянд ва барои беҳтар шудани фаъолияти он пешниҳодҳои худро манзур намоянд;

- дар тамоми чорабиниҳои Шӯрои олимони ҷавон иштирок намоянд;

- нақшаҳои баргузории конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳои илмии олимони ҷавон ва ҳайати кумитаи тадорукоти онҳоро тасдиқ намоянд;

- ахбори ҳайати кумитаи тадорукотро оид ба рафти тайёрии гузаронидани конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳои илмии олимони ҷавон шунаванд;

- маводҳои илмии олимони ҷавонро барои иштирок дар озмунҳои гуногун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ пешниҳод кунанд ва миқдори иштирокчиён ва гурӯҳи кориро муайян созанд.

– мавод барои иштироки олимони ҷавонро дар намоишгоҳҳо аз рӯи самтҳои муайяни илм баррасӣ ва пешниҳод намоянд;

– дар озмунҳо миёни олимони ҷавон барои корҳои беҳтарин ва баррасии маводи воридшуда иштирок кунанд;

– ба роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар шахси ректор, муовини ректор оид ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ оид ба масъалаҳои зерин тавсияҳо пешниҳод созанд: дар бораи ҳавасмандсозии олимони ҷавон барои нишондиҳандаҳои олӣ дар корҳои илмӣ; оид ба расонидани кӯмаки молиявӣ ба муҳаққиқон, таълимгирандагон ва дигар довталабони ҷавон; оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои амалӣ намудани лоиҳаҳои таҳқиқотӣ; оид ба ташкили ҳамкорӣ бо олимони ҷавони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ; ҷиҳати таъмини ҷойҳои корӣ барои олимони ҷавон бо мақсади дифои рисолаҳои илмӣ; дар бораи тавсияи олимони ҷавони умедбахш барои таҳсил дар докторантура аз рӯи ихтисос (аспирантура), докторантура ва ғ.;

– ахбори мутахассисони ҷавонро, ки таҷрибаомӯзии илмиро хатм кардаанд, шунаванд;

– ихтиёран аз узвияти Шӯрои олимони ҷавон дар асоси аризаи хаттӣ хориҷ шаванд.

4.3. Ҷаласаҳои навбатии Шӯрои олимони ҷавон дар мӯҳлатҳои муқарраркардаи қарори Шӯро на камтар аз як бор ҳар семоҳа бо тартиб додани суратҷаласа баргузор карда мешаванд. Аъзои Шӯрои олимони ҷавон барои вайрон кардани муқаррароти низомномаи мазкур, инчунин барои амалҳое, ки эътибори Шӯроро паст мекунанд, аз узвияти Шӯро хориҷ карда мешаванд. Қарор дар бораи хориҷсозӣ аз узвияти Шӯрои олимони ҷавонро раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ метавонад мавриди баррасӣ қарор диҳад.

## 5.Назорати фаъолияти Шӯрои олимони ҷавон

5.1. Назорати фаъолияти Шӯрои олимони ҷавон аз ҷониби муовини ректор оид ба фаъолияти илмӣ бурда мешавад.

5.2. Муовини ректор оид ба фаъолияти илмӣ на камтар аз як маротиба дар як сол санҷиши фаъолияти Шӯрои олимони ҷавонро анҷом медиҳад. Санҷиши ғайринақшавии фаъолияти Шӯрои олимони ҷавон бо қарори ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё бо ташаббуси худи Шӯро сурат мегирад. Дар рафти санҷиш Шӯрои олимони ҷавон бояд дар шакли хаттӣ оид ба кори дар тӯли солҳои гузашта анҷомдодааш ҳисобот пешниҳод намояд.

## 6.Тартиби тасдиқи Низомномаи Шӯрои олимони ҷавони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва воридсозии тағйироту иловаҳо ба он

6.1. Низомномаи Шӯрои олимони ҷавон баъди тасдиқ аз ҷониби ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ қувваи ҳуқуқӣ пайдо мекунад.

6.2. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи Шӯрои олимони ҷавон дар асоси талаботи Низомномаи мазкур бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ворид карда шуда, аз тарафи ректор тасдиқ карда мешаванд.